**Лоиҳаи USAID**
**оид ба таълими босифат (QLP)**

**Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф**

# Мусиқӣ ва ҳаракат

**Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ**

**Душанбе – 2009**

Дастури таълими мазкур бо дастгирии мардуми Амрико ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) таҳия ва нашр гардид. Мундариҷаи дастури мазкур дар доираи Creative Associates International (CAI) ва лоиҳаи USAID – оид ба таълими босифат (QLP) баррасӣ шудааст ва муҳим нест, ки мавқеи USAID ва Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америкоро инъикос намояд.

Мураттиб-таҳиягарон: **Алиев А.Б., Зиёев М. Н.,Зоолишоева Б.Ф., Олимова Ф. К., Эрматова У.С.**

Муҳаррир**: Камолиддинов Баҳриддин,** доктори илмҳои филологӣ, профессор

Мусиқӣ ва ҳаракат. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, 2009. - ___ с.

Дар дастур муҳим будани роҳу усулҳои инкишоф додани малакаҳои ҳаракатҳо, фикр, эҷод кардани хонандагон дар замони ҳозира, ҳамгироии байнифаннии суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ, мазмуну мундариҷаи таълими ин фанҳо нишон дода шудааст.

Дастур барои инкишофи қобилиятҳои эҷодии муаллимон имкониятҳоро фароҳам оварда, барои истифодаи технологияҳои нав, навъҳои гуногуни фаъолият замина мегузорад. Инчунин дар дастур вазифаҳои дар асоси нишондодҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ такмили методикаи таълиму тарбия нишон дода шудаанд, ки барои омӯхтани онҳо барои омӯзгорони мактаб муҳиманд.

Дастури таълим барои истифода дар такмили ихтисоси муаллимони макотиби олию миёна, аз ҷумла, барои худомӯзӣ пешбинӣ шудааст. Он барои омӯзгорони ҷавон, инчунин донишҷӯёни ихтисосҳои педагогӣ судманд аст.

Дастури «Мусиқӣ ва ҳаракат» қисми таркибии курси 144-соатаи такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ аст. Дастури мазкур ҳукми умумифанниро дошта, аз рӯйи мундарича ва технологияи таълим дастури мустақил ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, он метавонад ҳам ба сифати дастури мустақил ва ҳам дар таркиби дастурҳои дигар таълим дода шавад.

***Сохти дастур чӣ гуна аст?***

Чунон ки дар дастури якум гуфта будем, ҳар як дастур иборат аст аз:

- мақсадҳо ба тарзи натиҷаҳои интизоршаванда;
- иҷрои вазифаҳо ба тарзи фаъолиятҳои амалӣ ва усулҳои интерактивӣ (инфиродӣ, дунафарӣ, гурӯҳӣ);
- маводи назариявӣ («Махзани асрор»);
- саволу масъалаҳо барои худбаҳодиҳӣ, ҳамдигарбаҳодиҳию супоришҳои тестӣ дар ҷараён ва хотимаи фаъолиятҳо;
- луғат;
- замимаҳо;
- номгӯйи адабиёти истифодашуда, аз ҷумла суроғаи WEB-сайтҳо.

***Бо дастур чӣ гуна бояд кор кард?***

⇒ Дар оғоз бо масъалаҳо, ки ғояҳои асосиро инъикос мекунанд, шинос шудан лозим аст.

⇒ Бо мундариҷаи вазифаи мазкур ба воситаи матнҳо, ки дар «Махзани асрор» оварда шудааст, метавон ошно шуд.

⇒ Агар дар рафти омӯзиши мавод бо калимаҳои ноошно дучор шавед, ба луғати охири дастур нигаред.

⇒ Барои худназорат шумо метавонед ҳангоми омӯзиши ҳар масъала ба тестҳо, саволу ҷавоб ва мубоҳиса ба худ баҳо диҳед.

⇒ Барои омӯзиши боз ҳам дақиқтари ин ё он мавзӯъ метавонед, ба номгӯйи адабиёти истифодашуда руҷӯъ карда, ба ҷустуҷӯйи онҳо пардозед.

**Мундарича**

| № | Мавзӯъ | Мақсадҳои мушаххас: | Миқ-дори соат |
|---|---|---|---|
| 1 | **Хусусиятҳои машқҳои варзишӣ ва мусиқию зарбӣ ҳамчун навъи фаъолияти эҷодӣ** | *То анҷоми омӯзиш иштирокчиён метавонанд:*<br>– фаъолиятҳои дарси суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмониро ***номбар кунанд***;<br>– ҳамгироии ин фаъолиятҳоро ***тартиб диҳанд***<br>– хусусиятҳои машқҳои варзиш ва мусиқию зарбиро **муқоиса кунанд**. | **4** |
| 2 | **Муносибати ҳамгироии дарсҳои мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ** | *То анҷоми омӯзиш иштирокчиён метавонанд:*<br>– муносибати ҳамгироии дарсҳои мусиқӣ ва тарбияи ҷисмониро **фаҳмонанд**;<br>– таъсири ҳаракатҳои варзиш ва мусиқию зарбиро дар инкишофи ҷисмонӣ ва маънавии хонандагон **шарҳ диҳанд**;<br>– мавқеи истифодаи ҳаракатҳои мусиқию зарбиро дар дарсҳо **муайян кунанд.** | **4** |
| 3 | **Банақшагирии дарсҳои суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ва таҳияи дарсҳои намунавӣ** | *То анҷоми омӯзиш иштирокчиён метавонанд:*<br>– мақсадҳои дарсро ***гӯянд***;<br>– давраҳои пайдарпайии банақшагирии дарсро ***ҷудо кунанд***;<br>– мақсадҳои дарси суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмониро ***таҳия созанд;***<br>– нақшаи яксоатаи дарси суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмониро ***таҳия созанд***. | **4** |

**Методҳо, усулҳои пешниҳоди мазмун:**

Ангезиши зеҳн (корҳои инфиродӣ, дунафарӣ ва кор дар гурӯҳҳои хурд), сӯҳбат, нақш бозӣ кардан, усули проблемавӣ, лексияи хурд, усули ҷумлаи нопурра (варақаи робитаи мутақобила), тест, ҳозирҷавобӣ (блитс - пурсиш).

## Сарсухан

Инсон кайҳост, ки хусусияти мавчудиятро дар олами табиат дарк кардааст. Ҳаёти инсон бе фарҳанг ҳеҷ маъное надорад. Тавассути сурудан, рақсидан, наққошӣ кардан ва дигар чанбаҳои фарҳангӣ инсон андеша, эҳсос, ҳолати равонии худ ва ё ҷомеаро ифода мекунад.

Омӯзиши фанҳое, ки дар хонанда ҳисси зебопарастиро тарбия мекунанд, солимии ӯро инкишоф медиҳад. Аз ин лиҳоз барои бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба фанҳои суруду мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ тавассути усулҳо ва муносибатҳои гуногун муаллим метавонад дарсҳояшро мақсаднок ба роҳ монад.

Шиносоии хонандагон бо унсурҳои асосии фанҳои мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ дунёи маънавии онҳоро бой гардонда, барои инкишофи малакаҳои ҷисмониву фикрии онҳо мусоидат мекунанд.

**1. Хусусиятҳои машқҳои варзиш ва мусиқию зарбӣ ҳамчун навъи фаъолияти эҷодӣ**

***Мустақилона ҷавобҳои саволномаро дар дафтаратон нависед:***

**1. Мақсадҳои асосии омӯзиши суруд ва мусиқӣ дар мактаб аз чӣ иборатанд?** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) таъсири мусиқӣ ба раванди психологӣ ва физиологии инсон
б) ташаккули маданият ва ҳиссиёти мусиқии хонандагон
в) мусаллаҳ намудани хонандагон ба донишҳои амиқи санъати мусиқӣ
г) ташаккули малакаҳои сурудан

**2. Талаботи асосӣ ва ёрирасони дарсҳои суруд ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро мувофиқа намоед.**

| | |
|---|---|
| | а) машқҳои овозӣ |
| | б) шунидани мусиқӣ |
| 1.Талаботи асосӣ | в) навохтани созҳои мусиқӣ |
| 2.Талаботи ёрирасон | г) сурудан |
| | ғ) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ |
| | д) маърифати мусиқӣ |

**3. Кадоме аз ин фаъолиятҳои дарси суруду мусиқӣ барои ташаккули дониши мусиқӣ равона шудааст?** *(ҷавоби дурустро дар доира гиред)*

а) шунидани мусиқӣ
б) сурудан
в) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ
г) маърифати мусиқӣ
ғ) машқҳои овозӣ

**4**. **Кадом фаъолият дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ нутқро инкишоф медиҳад?** *(ҷавоби дурустро дар доира гиред)*

а) шунидани мусиқӣ
б) сурудан
в) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ
г) маърифати мусиқӣ
ғ) машқҳои овозӣ

**5.** *Ҷумларо пурра намуда, гунаҳои дурустро қайд кунед:*

**Ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ…**

а) ба ташаккули ҳаракатҳо равона карда шудааст
б) тафаккурро инкишоф медиҳад
в) ба ташаккули аппарати нутқ нигаронида шудааст
г) хотираро инкишоф медиҳад

**6. Мақсадҳои омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ дар мактаб аз чӣ иборатанд?** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) таҳкими сиҳатмандӣ, инкишофи қобилиятҳои ҷисмонии инсон
б) тарбияи ақлӣ, меҳнатӣ ва эстетикӣ (зебопарастӣ)
в) ташаккули маҳорату малакаҳои ҳаракат
г) ташаккули донишҳои назариявӣ

**7. Фаъолиятҳои асосии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ номбар кунед.** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) истифодаи арғамчин дар вақти ба кӯҳ баромадан
б) гимнастикаи пагоҳирӯзӣ ва машғулиятҳо дар ҳавои тоза
в) қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми иҷрои машқҳои ҷисмонӣ
г) рафтор дар толори тарбияи ҷисмонӣ, майдончаи варзиш

**8. Кадом фаъолиятҳо дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули ҳаракатҳо равона шудаанд?** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) маълумот дар бораи реҷаи рӯз, гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ
б) аз даст ба даст додани ашё, таҷҳизоти варзиш
в) часпида баромадан ва хазида гузаштан аз монеа
г) маълумот оид ба нормативҳои таълим
ғ) қоидаҳои бозии шоҳмот ва донаҳоро ба бозӣ даровардан

**9. Фаъолиятҳоеро, ки бештар ба ҳаракат тааллуқ доранд, интихоб намоед.** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) роҳгардӣ
б) ҳаводиҳӣ
в) талаботи сару либос
г) чавгонбозӣ

**10**. Машқҳои инкишофро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, дар баробараш рақам гузоред: *1 – қувва; 2 – чолокӣ; 3 – чандирӣ; 4 –тобоварӣ.*

| | |
|---|---|
| | *машқҳои ҳаракат додани дастҳо, пойҳо, миён ва сар* |
| | *машқҳо дар девори гимнастикӣ* |
| | *ҷаҳидан ба дарозӣ* |
| | *машқ бо гантелҳо* |
| | *ба нишон расондан* |
| | *машқҳо бо тӯбҳои калон* |
| | *пойга* |
| | *машқ бо ҷастак* |

**11. Бозиҳои серҳаракатеро, ки дар дарсҳои тарбияи ҷисмонии синфҳои 1- 4 омӯхта мешаванд, номбар кунед** (на камтар аз 3).

__________________________________________________________
__________________________________________________________
__________________________________________________________

**12.** *Аз гунаи ҷавобҳои зерин истифода бурда ҷумларо пурра кунед:*
**Тарбияи ҷисмонӣ моҳиятан:**

а) кӯшиш барои дастовардҳои баланди варзишӣ;
б) навъҳои гуногуни фаъолиятҳои шавқовар;
в) ҷузъи таркибии маданияти умумии ҷамъият ва шахс **аст.**

Дафтари худро бо шарикатон иваз кунед ва ҷавобҳоро санҷед. Ба ҳар ҷавоби дуруст як хол муайян шудааст. Ҷамъи холҳои шарикатонро ҳисоб кунед.

«Махзани асрор»-ро хонед. Хулосаи худро баён намоед: Ин маълумот ба Шумо барои чӣ зарур аст? То кадом андоза барои кори амалии Шумо ёрӣ медиҳад?

**Махзани асрор**

Ба ақидаи мутахассисон фаъолияти мусиқавӣ аз он лиҳоз муҳим аст, ки тавассути мубодилаи ахбор байни нимкураҳои чапу рости системаи асаб тезтар сурат мегирад.

Ҷараёни дарку фаҳм, шинохтан, тафаккур, қабули қарорҳо танҳо тавассути фаъолияти якҷояи ҳар дуи ин нимкураҳо, ки ҳар кадоме хусусият дорад, амалӣ мегардад. Инро дар Т-нақшаи зерин дида баромадан мумкин аст.

| Нимкураи чап | Нимкураи рост |
|---|---|
| Нутқ | Мусиқӣ, зарб, овоз, оҳанги нутқ |
| Шинохтани ҳарф, калима, ҷузъҳои парешони чизи том | Дарки биниши ашё дар шакли том |
| Ҳаракати бошуурона | Ҳаракати автоматӣ |
| Ба хотир гирифтани калимаю ҷумлаҳо | Ба хотир гирифтани мусиқӣ, расм, бӯй |
| Тафаккури мантиқӣ | Интуитсия (фаросат, ҳисси пешакӣ) |

Дар охири асри гузашта олимон муқаррар намуданд, ки дар хурдӣ ба мусиқӣ шуғл варзидан ба ташаккули сохтори физиологию анатомии системаи асаб, пеш аз ҳама, ба мубодилаи ахбори байни нимкураҳо таъсири мусбат мерасонад.

Тадқиқоти бисёрсолаи олимон нишон медиҳад, ки кӯдакони дар хурдӣ ба мусиқӣ шуғл варзида аз ҳамсолони худ бо инкишофи тафаккур, иҷтимоӣ, психомоторӣ (таҳрики равонӣ) пеш меистанд. Онҳо ҳамчунин қайд менамоянд, ки бозиҳои мусиқию ҳаракат дар ташаккули қобилиятҳои дарки маълумот ва диққатнокӣ саҳми беандоза доранд.

Маҷмӯи фаъолиятҳоро дар дарси суруд ва мусиқӣ номбар кунед. Фаъолиятҳоеро, ки ба талаботи барнома мувофиқанд, ҷудо намоед. Ақидаҳои худро бо «Махзани асрор» муқоиса кунед.

***Махзани асрор***
***Ба ёд оред!***
***Фаъолият → Амал → Ҳаракат***

Мисол, сурудан фаъолият буда, аз амалҳои алоҳида иборат аст (дарк, талаффуз, оҳанг (интонатсия) ва ғайра). Ҳамаи ин амалҳо аз ҳаракатҳои алоҳида иборатанд.

Ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ ҷанбаи тарбиявӣ дошта, дар раванди машғулиятҳо ҳамчун талаботи ёрирасон (нигаред ба барномаи таълимии «Суруд ва мусиқӣ» дар синфҳои ибтидоӣ) истифода мешаванд. Ин қисматро дар фаъолияти сурудан, махсусан дар синфҳои ибтидоӣ, барои якчанд паҳлӯҳои инкишофи шахсияти хонандагон истифода мебаранд.

Дар рӯйи олам ду шахсияти якхела вуҷуд дошта наметавонад, бинобар ин ҳар шахсият сохтори хос дорад. Аммо дар баробари фарқҳо умумиятҳо низ дида мешаванд, ки ба таври зайл тасниф ёфтаанд:

**Ба даст овардани**

**Қисмати зуҳуроти равонӣ (психологӣ** ё мотиватсионӣ) — Далелнокӣ (системаи устувори мотивҳо ((ваҷҳ): майл пайдо кардан, кӯшиш, манфиатҳо, идеалҳо, ҷаҳонбинӣ, боварӣ, талабот);

**Таҷрибаи шахсӣ** — ба даст овардани таҷрибаи ҳаётӣ ва ҷамъиятӣ. Ин таҷриба дониш, маҳорат ва малакаҳои ҳаётан муҳимро дар бар мегирад:

**дониш** — системаи фаҳмишҳои илмии қонуниятҳои табиат, ҷамъият, пайдоиш ва ташаккули инсону шуури уст;

**маҳорат** — қобилияти инсон дар асоси дониш ва малакаи пурмаҳсул, босифат ва дар мӯҳлати муайян иҷро намудани кор дар шароитҳои нав;

**малака** — унсур (компонент)-и автоматикунонидаи фаъолияти мақсадноки бошуурона;

***Ба танзим даровардани рафтори шахсият*** (системаи худназорат) навъҳои психологии раванди маърифат, аз ҷумла хусусиятҳои фардии ҳиссиёт, дарк, диққат, хотира, мушоҳидакорӣ, тахайюл, тафаккур ва нутқ.

Аз нуқтаи назари сохтор психологҳо фаъолиятро аз рӯйи мақсад ва мотив (ваҷҳ) фарқ мекунанд:

**Мақсад -** инсон баҳри чӣ амал мекунад?

**Мотив (ваҷҳ)** – барои чӣ инсон чунин амал мекунад?

Қисмати таркибии фаъолиятро амал меноманд. Онҳо аз ҳаракат иборатанд.

Ба хотир оред ва гӯед, ки дарси тарбияи ҷисмонӣ аз кадом фаъолиятҳо иборат аст? Рӯйхати онро тартиб диҳед. Кадомеро аз онҳо дар дарс истифода мебаред? Мисоли мушаххас биёред.

Муносибати худро доир ба фаъолиятҳои дарси суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ баён намоед.

**Махзани асрор**

Ҳар як маҷмӯи гимнастика пеш аз машғулиятҳои синфҳои ибтидоӣ шаш-ҳафт машқро дар бар мегирад. Машқҳо на он қадар мураккаб, 6-8 дақиқа давом мекунанд. Ин машғулиятҳоро пеш аз дарсҳо иҷро карда, 5 дақиқа пештар аз сар шудани машғулиятҳо тамом мекунанд. Мақсади асосии гимнастикаи пеш аз машғулиятҳо чунин аст:

а) мақсади саломатӣ ва тарбиявӣ;

б) мақсади муташаккилона ба дарсҳо тайёр кардани хонандагон;

в) рӯҳбаланд кардани хонандагон ва баланд бардоштани қобилияти кории онҳо;

г) беҳтар кардани сифати дарсҳо.

Хеле хуб мешавад, ки гимнастикаи пеш аз машғулиятҳо бо ҳамроҳии мусиқӣ дар майдончаи варзиши мактаб гузаронида шавад. Танҳо дар вақти барфу борон машғулиятҳоро дар дохили бинои барҳавои кушод гузаронидан мумкин аст.

**Кори дунафарӣ.** Бартарӣ ва камбудии ин фаъолиятҳоро муҳокима намуда (аз таҷрибаи худ) дар нақшаи зер нависед.

| ***Бартарӣ*** | ***Камбудӣ*** |
|---|---|
| | |

**2. Муносибати ҳамгироии дарсҳои мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ**
**Лексияи хурд.**

***Назаре ба таърих!***

Юнониёни қадим аввалин маротиба назарияи тарбияро таҳия карданд, ки он дар асоси принсипи инкишофи ҳаматарафаи муназзам тартиб дода шуда буд. Ин принсипҳоро Платон ва Арасту такмил доданд. Мақсади соҳаи таҳсилоти мактабӣ дар Афина ба инкишофи ҳаматарафаи муназзам ва маънавию ҷисмонии ҷавонон равона карда шуда буд.

Соҳаи таҳсилоти мактабӣ дар Афина таҳсилоти мусиқӣ (санъати муза) ва варзиш (гимнастикӣ)-ро фаро мегирифт.

Ба тарбияи мусиқӣ юнониён аҳамияти аввалиндараҷа медоданд, чунки зарби мусиқӣ ва гармония, чунон ки онҳо мепиндоштанд, танзими ҳаракат, фикр, эҳсосот ва фаъолиятро меомӯхт.

**Кори дунафарӣ.** Оё ҳамгироии байнифаннии суруду мусиқӣ ва варзиш имконпазир аст? Онро чӣ гуна амалӣ кардан мумкин аст? Дунафарӣ муҳокима намуда, бо мисоли мушаххас шарҳ диҳед (*аз ҷадвали зерин истифода баред*).

**Хусусият ва мазмуни ҳаракатҳо дар рақс**

| **Хусусияти варзиш** | **Хусусияти мазмунӣ** | **Хусусияти тарбиявӣ** | **Хусусияти минтақавӣ** |
|---|---|---|---|
| • Машқҳои варзиш (бо ашё, ҳалқаҳо, тӯбҳои калон ва майда, гулҳо ва ғ.). | • Ҳаракати ҳайвоноту паррандагон;<br>• Рақс бо рамзҳои гуногун. | • Эмотсионалӣ;<br>• Мусиқию зебопарастӣ;<br>• Мустақилӣ ва ғайра. | • Фарқи ҳаракатҳо дар рақси минтақавӣ: мисол, минтақаи Кӯлоб аз Помир |

**Кор дар гурӯҳҳо**. Ҷадвали зеринро хонед.

Гурӯҳи 1. Элементҳои рақс. Хусусият ва мазмуни ҳаракатҳоро дар рақс муайян намоед. Гӯед, ки онро чӣ гуна дар дарсҳо истифода бурдан мумкин аст?



Гурӯҳи 2. Машқҳои гимнастикӣ. Бештар ба кадом фан таллуқ доранд? Бо мисолҳои мушаххас аз барнома роҳҳои одитарини истифодаи ин машқҳоро тартиб диҳед.



Гурӯҳи 3. Саф кашидан (қаторшавӣ). Ҳамгироии ин фаъолиятро дар фанҳои суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ нишон диҳед.




Гурӯҳи 4. Бадеҳахонӣ. Сюжетӣ ва образнокии ҳаракат. Аз порчаи суруд истифода бурда унсурҳои ҳаракатҳои мусиқию зарбиро нишон диҳед.



| **Малака ва маҳоратҳои асосӣ** | **Синфҳо** | |
|---|---|---|
| | **Синфи 1** | **Синфи 2** |
| I. Тарбияи ҷисмонӣ<br>1. Ҳаракатҳои асосӣ | Тахти мусиқӣ ҳаракати зарбиро иҷро кардан, озодона ҷаҳидан | Пайваста бо оҳанги мусиқӣ ҳаракат кардан, сабук давидан, бо ҳаракатҳо ба пеш ҷаҳидан. |
| 2. Машқҳои гимнастикӣ | Баробари зарби мусиқӣ рӯймолча ё байрақчаҳоро бардошта, бо онҳо даст афшонда, аз як ҳаракат ба дигараш гузаштан | Ҳаракат намудан бо байрақчаҳо ва рӯймолчаҳо (ба боло, ба чап, ба рост, ба поён) сабук роҳ гаштан ва бо зону нишастан |
| 3. Қаторшавӣ | Дар давра ҳаракат намудан (танҳо ё ҷуфт), чарх задан (танҳо ё ҷуфт). | Ҳангоми ҳаракат дар давра озодона ҷамъ шудан ва парешон шудан |

| | | |
|---|---|---|
| II. Бадеҳасозӣ Сюжетӣ ва образнокии ҳаракат | Истифода ва иҷрои ҳаракатҳои гуногуни тақлидӣ (аспак меҷаҳад, паррандагон парвоз мекунанд) ба тариқи бозӣ таҳия кардан | Кӯшиш кардан лозим аст, ки хусусияти унсурҳои тақлидии мусиқию бозӣ табиӣ бароянд. |
| III. Элементҳои рақс | Иҷрои ҳаракатҳои одии рақс: қарсак задан, дастҳоро мавзун алвонҷ додан, бо зарби оҳанг пойкубон рақсидан | Иҷрои ҳаракатҳои рақс, навохтани зарб бо қарсак ва пойкубон рақсидан, чархак задан, унсурҳои ба худ шиносро дар ҳаракатҳои рақс иҷро намудан |

| **Малака ва маҳоратҳои асосӣ** | **Синфҳо** | |
|---|---|---|
| | **Синфи 3** | **Синфи 4** |
| I. Тарбияи ҷисмонӣ<br>1. Ҳаракатҳои асосӣ | Роҳгардии сабук таҳти зарби оҳанг: тез давидан, пойҳоро баландтар гузоштан, аз як пой ба пойи дигар ҷаҳидан. | Бо виқор роҳ гаштан, нарм ва баробар қадам задан, ҷаҳиш аз як пой ба пойи дигар, ҳаракатҳоро иваз намудан. |
| 2. Машқҳои гимнастикӣ | Ҳаракат бо ҷисмҳо ё бе онҳо, нишон додани характери мусиқӣ | Иҷрои ҳаракат бо ҷисмҳо ва бе онҳо баробар, саҳеҳ. |
| 3. Қаторшавӣ | Бояд мустақилона давра сохта, фосилаи байни якдигар муқоиса шавад, васеъ ва танг намудани давра, ҷуфт рақсидан, парешон шудан ва боз ҷамъ шудан | Бояд фосилаҳои рақси гурӯҳиро худашон ташкил кунанд, мустақилона давра шудан, парешон шудан, тоб хӯрданро машқ кунанд. |
| II. Бадеҳасозӣ Сюжетӣ ва образнокии ҳаракат | Образҳои гуногунро нишон диҳад, мустақилона иҷро кунад ва ба рафиқони худ тақлид насозад. | Ҷозибанок иҷро намудани образҳои гуногун, таҳия намудани бозӣ, сурудҳо ва фикр кардани гунаҳои нави образ дар бозӣ |
| III. Унсурҳоиҳои рақс | Дар ҳаракатҳои рақс иҷро намудани тобхӯрӣ, нишастан ва хестан, бо дастҳо ишора кардан, ҷуфт-ҷуфт ҳаракати якхела кардан, эҷодкорона иҷро намудани рақс. | Иҷро намудани ҳаракатҳои озодона бо даст ва пой, қарсак задан дар ҳар зарб, ҳаракатҳои рақси миллиро такмил додан, табиӣ иҷро кардани рақсҳои одии миллӣ |

**Оё медонед?**

Ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ талаботи ёрирасон буда, бештар ҳангоми фаъолияти сурудан иҷро карда мешавад. Ба фаъолияти ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ ҳангоми сурудан дохил мешаванд:

- Бозиҳои серҳаракат;
- Бозиҳои нақшофарӣ;
- Бозӣ бо истифода аз ангуштон;
- Навохтани созҳои мусиқии кӯдакона;
- Ҳарактаҳои мавзун таҳти навои оҳанг;
- Истифодаи унсурҳои рақси миллӣ;
- Истифодаи унсурҳои варзиш ва ғайра.

### 3. **Ба нақша гирифтани дарсҳои суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ва таҳияи дарсҳои намунавӣ**

Ҳангоми ба нақша гирифтани дарсҳо он муҳим аст, ки мақсадҳо бояд ба тариқи амалҳои мушаххаси хонанда тартиб дода шаванд. Ин имкон медиҳад, ки хонанда малака ва маҳоратҳои худро ташаккул дода, донишҳои андӯхтаро дар ҳаёт амалӣ намояд. Мисол, «бо роҳҳои гуногун *ҳаракат карда тавонад*», «мустақилона машқҳои варзиши пагоҳирӯзиро *иҷро карда тавонад*», «муаллифони суруд (оҳангсоз ва шоир)-ро *фарқ карда тавонад*», «оғоз ва анҷоми сурудро *муайян кунад*» ва ғайра.

**Кори дунафарӣ**. Аз барнома мақсадҳои фанро ба тарзи амалҳои мушаххаси хонанда тартиб диҳед. Ин мақсадҳоро чӣ гуна дар дарс амалӣ намудан мумкин аст?

**Кор дар гурӯҳҳо.** Ҷадвали зеринро хонед. Аз рӯйи он намунаи мақсадҳои ҳамгироии дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва суруду мусиқиро ба тарзи амалҳои мушаххаси хонанда тартиб диҳед.

| Синф | Ним-сола | Барномаи тарбияи ҷисмонӣ | Мувофиқат намудани мавзӯъҳо бо суруду мусиқӣ | Номгӯйи асарҳо барои сурудан |
|---|---|---|---|---|
| 1 | I | 1. Риоя намудани нафаскашӣ ҳангоми иҷрои машқҳои гуногуни ҷисмонӣ. | 1. Талаффузи овозҳо, ҳиҷоҳо ва форамии онҳо (ташаккули малакаҳои сурудан). | «Варзиш» - шеъри А. Бобоҷон, мусиқии Ҷ. Обидпур |
| | | 2. Машқҳои рақсӣ. | 2. Шиносоӣ бо садои созҳои дойра, таблак, нағора ва ҷуфтнағора. | |
| | II | 1. Роҳгардӣ, давидан, ҷаҳидан ва ҳаводиҳӣ.<br><br>2. Машқ бо тӯбҳо. | 1. Дар нақш (образ)-ҳои мусиқӣ ифода ёфтани обу ҳаво.<br>2. Дарк намудани мусиқии шӯх ва ҳазин | «Барфак» - шеър ва мусиқии Ҷ. Обидпур; «Қоқу»- шеъри Ю. Аҳмадзода, мусиқии Қ. Яҳёев |
| | | 3. Бозиҳои серҳаракат. | 3. Мусиқӣ ифодагари ҳиссиёти инсонӣ | «Алифбои мусиқӣ»- шеъри Н. Бақозода, мусиқии Ҷ. Охунов |

Нақшаҳои зеринро аз назар гузаронед. Дарсҳои гузаштаро ба хотир оварда, қисмати асосии дарсро мустақилона пурра намоед. Аз замимаҳои 1-2 истифода баред.

**Намунаи дарси тарбияи ҷисмонӣ дар синфи 4**

**Мақсадҳои дарс:**
**Мавзӯъ:**
**Шакли дарс:**
**Таҷҳизот:**

**Харитаи технологии дарс**

| Марҳалаҳои дарс | Фаъолияти омӯзгор | Фаъолияти хонандагон | Вақт |
|---|---|---|---|
| **Оғози дарс: фаъолгардонии хонандагон** | 1. Саф мерояд ва рапорти навбатдорро мешунавад.<br>2. Марҳалаҳои машқи тайёрии умумиро мефаҳмонад:<br>– оҳиста 50-100 м давидан;<br>– сипас, оҳиста роҳ гашта, озодона нафас гиред (онро нишон медиҳад);<br>– иҷро кардани машқро (нигаред ба замима) нишон дода, иҷрои хонандагонро мушоҳида мекунад, тавсия медиҳад. | 1. Саф мекашанд. Амри навбатдорро гӯш карда, онро иҷро мекунанд.<br>2. Марҳалаҳои машқи тайёрии умумиро гӯш карда, онро иҷро менамоянд. | **5** |
| **Қисми асосии дарс: «кашфи донишҳои нав»** | | | **25-30** |
| **Анҷоми дарс: мустаҳкам-кунӣ, рефлексия ва ҷамъбаст** | 1. Марҳалаҳои машқи хотимавиро мефаҳмонад:<br>– оҳиста дар атрофи майдон роҳ гашта, дар ҳисоби 4 қарсак занед;<br>– ба ҳисоби 1-2 дастҳоро оҳиста ба боло бардошта, чуқур-чуқур нафас гиред, ба ҳисоби 3-4 дастҳоро оҳиста ба поён фароварда, нафас бароред.<br>2. Аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки озодона роҳ гарданд.<br>3. Хонандагонро саф ороста, хайрухуш мекунад. | 1. Марҳалаҳои машқи хотимавиро иҷро мекунанд.<br>2. Озодона роҳ мегарданд.<br>3. Ба як саф истода, хайрухуш мекунанд. | **8-10** |

Намунаҳои дарси ҳамгирои суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмониро дар гурӯҳҳои хурд тартиб диҳед.

**Намунаи дарси ҳамгирои суруду мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар синфи …**

**Мақсадҳои дарс:**

**Мавзӯъ:**

**Шакли дарс:**

**Таҷҳизот:**

**Харитаи тенологии дарс**

| Марҳалаҳои дарс | Фаъолияти омӯзгор | Фаъолияти хонандагон | Вақт |
|---|---|---|---|
| **Оғози дарс: фаъолгардонии хонандагон** | | | **5** |
| **Қисми асосии дарс: «кашфи донишҳои нав»** | | | **25-30** |
| **Анҷоми дарс: мустаҳкам-кунӣ, рефлексия ва ҷамъбаст** | | | **10-15** |

**Замимаи 1**

Оҳиста дар ҷой истода роҳ гаштан. Роҳгардӣ 30- 50 сония давом мекунад.

***Нишондод.***

***Ҳолати аввал:*** панҷаҳоро чанбарак андохта, дастҳоро аз пеш ба поён нигоҳ доштан.

***Иҷро:*** ҳисоби 1 дастҳоро ба пеш ба боло бардошта, ба паси сар гузоштан, ба ҳисоби 2 ба тарафи рост ва бо ҳисоби 3 ба тарафи чап баргашта нигоҳ кардан. Бо ҳисоби 4 ба ҳолати аввала баргаштан.

**Замимаи 2**

**Бозиҳо**

**Бозии ҳаракати манъбуда**

***Ҷой ва таҷҳизот:*** майдон ё зал, сози мусиқӣ

***Тайёрӣ ба бозӣ:*** хонандагон бо ҳамроҳии муаллим давра мекашанд. Ҳангоми бозӣ роҳбари бозӣ ҷоеро бояд интихоб намояд, ки ҳама ӯро бинанд.

***Рафти бозӣ:*** роҳбари бозӣ (аввал муаллим, сипас метавонед хонандаеро низ интихоб намоед) таъкид мекунад, ки бозингарон тамоми ҳаракатҳои иҷронамудаи ӯро такрор намоянд. Танҳо он ҳаракате, ки иҷрои вай манъ аст, иҷро намудан мумкин нест. Ҳаракати «манъ»-ро пешакӣ муайян мекунад. Мисол, «ба миён ё китфҳо гузоштани дастҳо».

Баранда ҳаракатҳои гуногунро бо садои мусиқӣ (ё сурудан) иҷро мекунад ва дигарон ҳам аз паси вай такрор менамоянд. Баранда нохост ҳаракати «Манъ»-ро иҷро мекунад. Бозингароне, ки ин ҳаракатҳоро иҷро намудаанд, ба байн мебароянд ва ҷарима месупоранд. *Вобаста ба мақсад ҷарима тартиб диҳед. Мисол, дар давра истода ҳаракатҳои мусиқию зарбиро иҷро намояд, ба саволҳои рафиқонаш доир ба мавзӯъҳои гузашта ҷавоб гӯяд, якпоя атрофи давраро давр занад ва г.*

Бозӣ 5-8 дақиқа давом мекунад, муаллим хонандагонро назорат карда, барои худ қайдҳо мекунад.

***Қоидаи бозӣ:*** 1. Бозингарон ҳатман, ба ғайр аз ҳаракати «манъ», тамоми дигар ҳаракатҳоро иҷро кунанд. Касоне, ки тамоми ҳаракатҳои лозимаро иҷро намекунанд, бозиро бой медиҳанд. 2. Бозингарони бойдода бозиро давом медиҳанд, лекин пас аз ҳар як хато супориши ҷаримавиро иҷро мекунанд.

***Нишондоди методӣ:*** ин бозиро аз синфи якум сар карда истифода намудан мумкин аст. Бозӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқ ва дастрас буда, бо супоришҳои гуногун иҷро карда мешавад. Бозиро бо мусиқӣ ва ё бе мусиқӣ ҳам гузаронидан мумкин аст. Аммо, агар бо мусиқӣ гузарад, хеле шавқовар гардида, барои ба мақсади ҳамгироии фан истифода бурдан судманд аст.

***Аҳамияти педагогӣ:*** малакаҳои ба самт пой задан, таҳти навои мусиқӣ зарбро иҷро кардан инкишоф ёфта, диққат, хотира, мушоҳидакорӣ, ҳиссиёт, аз ҷумла зебопарастӣ тарбия карда мешавад.

## *САВОЛНОМАИ ҶАМЪБАСТӢ*

**1. Хусусиятҳои машқҳои варзиш ва мусиқию зарбӣ ҳамчун навъи фаъолияти эҷодӣ**

***Мустақилона ҷавобҳои саволномаро дар дафтаратон нависед:***

**1. Мақсадҳои асосии омӯзиши суруд ва мусиқӣ дар мактаб аз чӣ иборатанд?** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) таъсири мусиқӣ ба раванди психологӣ ва физиологии инсон
б) ташаккули маданият ва ҳиссиёти мусиқии хонандагон
в) мусаллаҳ намудани хонандагон ба донишҳои амиқи санъати мусиқӣ
г) ташаккули малакаҳои сурудан

**2. Талаботи асосӣ ва ёрирасони дарсҳои суруд ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро мувофиқа намоед.**

| | |
|---|---|
| | а) машқҳои овозӣ |
| | б) шунидани мусиқӣ |
| 1.Талаботи асосӣ | в) навохтани созҳои мусиқӣ |
| 2.Талаботи ёрирасон | г) сурудан |
| | ғ) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ |
| | д) маърифати мусиқӣ |

**3. Кадоме аз ин фаъолиятҳои дарси суруду мусиқӣ барои ташаккули дониши мусиқӣ равона шудааст?** *(ҷавоби дурустро дар доира гиред)*

а) шунидани мусиқӣ
б) сурудан
в) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ
г) маърифати мусиқӣ
ғ) машқҳои овозӣ

**4**. **Кадом фаъолият дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ нутқро инкишоф медиҳад?** *(ҷавоби дурустро дар доира гиред)*

а) шунидани мусиқӣ
б) сурудан
в) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ
г) маърифати мусиқӣ
ғ) машқҳои овозӣ

**5.** *Ҷумларо пурра намуда, гунаҳои дурустро қайд кунед:*

**Ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ…**

а) ба ташаккули ҳаракатҳо равона карда шудааст
б) тафаккурро инкишоф медиҳад
в) ба ташаккули аппарати нутқ нигаронида шудааст
г) хотираро инкишоф медиҳад

**6. Мақсадҳои омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ дар мактаб аз чӣ иборатанд?** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) таҳкими сиҳатмандӣ, инкишофи қобилиятҳои ҷисмонии инсон
б) тарбияи ақлӣ, меҳнатӣ ва эстетикӣ (зебопарастӣ)
в) ташаккули маҳорату малакаҳои ҳаракат
г) ташаккули донишҳои назариявӣ

**7. Фаъолиятҳои асосии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ номбар кунед.** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) истифодаи арғамчин дар вақти ба кӯҳ баромадан
б) гимнастикаи пагоҳирӯзӣ ва машғулиятҳо дар ҳавои тоза
в) қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми иҷрои машқҳои ҷисмонӣ

г) рафтор дар толори тарбияи ҷисмонӣ, майдончаи варзиш

**8. Кадом фаъолиятҳо дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули ҳаракатҳо равона шудаанд?** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) маълумот дар бораи реҷаи рӯз, гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ
б) аз даст ба даст додани ашё, таҷҳизоти варзиш
в) часпида баромадан ва хазида гузаштан аз монеа
г) маълумот оид ба нормативҳои таълим
ғ) қоидаҳои бозии шоҳмот ва донаҳоро ба бозӣ даровардан

**9. Фаъолиятҳоеро, ки бештар ба ҳаракат тааллуқ доранд, интихоб намоед.** *(ҷавобҳои дурустро дар доира гиред)*

а) роҳгардӣ
б) ҳаводиҳӣ
в) талаботи сару либос
г) чавгонбозӣ

**10**. Машқҳои инкишофро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, дар баробараш рақам гузоред*: 1 – қувва; 2 – чолокӣ; 3 – чандирӣ; 4 –тобоварӣ.*

| | |
|---|---|
| | *машқҳои ҳаракат додани дастҳо, пойҳо, миён ва сар* |
| | *машқҳо дар девори гимнастикӣ* |
| | *ҷаҳидан ба дарозӣ* |
| | *машқ бо гантелҳо* |
| | *ба нишон расондан* |
| | *машқҳо бо тӯбҳои калон* |
| | *пойга* |
| | *машқ бо ҷастак* |

**11. Бозиҳои серҳаракатеро, ки дар дарсҳои тарбияи ҷисмонии синфҳои 1- 4 омӯхта мешаванд, номбар кунед** (на камтар аз 3).

______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**12.** *Аз гунаи ҷавобҳои зерин истифода бурда ҷумларо пурра кунед:*

**Тарбияи ҷисмонӣ моҳиятан:**

а) кӯшиш барои дастовардҳои баланди варзишӣ;
б) навъҳои гуногуни фаъолиятҳои шавқовар;
в) ҷузъи таркибии маданияти умумии ҷамъият ва шахс **аст.**

**Ҷавоби тестҳо:**

**1.** а,б,г
**2.** 1- б,г,д. 2 – а,в,ғ.
**3.** г
**4.** б
**5.** а,б,г.
**6.** а,б,в.
**7.** б,в,г.
**8.** б,в,ғ.
**9.** а,б,г.
**10.**

| | |
|---|---|
| 3 | *машқҳо бо ҳаракат додани дастҳо, пойҳо, миён ва сар* |
| 4 | *машқҳо дар девори гимнастикӣ* |
| 2 | *ҷаҳидан ба дарозӣ* |
| 1 | *машқ бо гантелҳо* |
| 3 | *ба нишон расондан* |
| 2 | *машқҳо бо тӯбҳои калон* |
| 2 | *пойга* |
| 4 | *машқ бо ҷастак* |

**11.** _________
**12.** б,в.

## *Замима*

**Суруд ва мусиқӣ**

Ҳангоми таҳияи нақшаи тақвимии фанни «Суруд ва мусиқӣ » хусусиятҳои фарққунандаи таълими фан ба эътибор гирифта мешавад.

Тартиби таҳияи нақшаи тақвим аз суруд ва мусиқӣ:

1. Бо барномаи таълими «Суруд ва мусиқӣ» дар синфҳои ибтидоӣ –Душанбе, 2008 шинос шавед.
2. Яке аз чор синферо, ки шумо дарс мегӯед ва барои он нақшаи тақвим месозед муайян кунед. Масалан, синфи 3.
3. Бо мақсадҳои таълими он шинос шавед. Онҳо дар шакли «талабот ба сатҳи тайёрии хонандагон...» ( саҳ. 26-27) омадаанд.
4. Чоряки якумро интихоб кунед. Дар аввал мақсадҳоро таҳия ё интихоб намоед. (саҳ. 26-27).
5. Дар сутуни «Мақсадҳои таълим» доир ба унсурҳои дарси суру два мусиқӣ сурудан, шунидани мусиқӣ ва маърифати мусиқӣ мақсадҳо таҳия кунед.
6. Дар сутуни «Мавзӯҳо» мавзӯи дарсро дарҷ кунед. Он дар барнома бо рақамҳо ишора гаштааст. Масалан, «Мактабам, нури дидагонам»
7. Дар сутуни «машқҳои овозӣ» машқҳоро барои инкишофи овоз интихоб намоед. Масалан: Сурудани қатори садоҳо ба боло ва баръакс: до-ре-ми-фа-со-ля-си-ля-со-фа-ми-ре-до
8. Дар сутуни «Номгӯйи асарҳо барои иҷро» номи асари дар барнома дарҷгардидаро нависед. Вобаста ба шароит шумо метавонед аз асарҳои интихобӣ истифода баред.
9. Дар сутуни «Маърифати мусиқӣ» номгӯйи фаъолиятҳоро аз қисми «талаботи асосӣ ба маърифати мусиқӣ» (саҳ 26) интихоб намоед.
10. Дар сутуни «Соатҳо» миқдори соатҳои дар барнома нишондодаро нависед.

**Намунаи нақшаи тақвим аз фанни «Суруд ва мусиқӣ» барои синфи 3**

| Мақсад | Мавзӯъ | Машқҳои овозӣ | Номгӯйи асарҳо барои иҷро | Номгӯйи асарҳо барои шунидани мусиқӣ | Маърифат и мусиқӣ | Соат | Муддати иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| - сурудро иҷро карда, дар бораи мусиқии шунида, ҳиссиёти худро баён карда, дар бораи оҳангсоз маълумот дода тавонанд. | Мактабам, нури дидагонам | Мисол: порчаи хурд аз ягон суруди соли гузаштаро машқ кунанд. | «Мактаби мо»- мусиқии А. Меликов, шеъри Н. Розиқ | «Пурсиш-ҳо»- мусиқии Ҷ. Обидпур | Шиносоӣ бо компози-тор | 3 | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| - сурудро ичро карда, дар бораи мусиқии шунида, ҳиссиёти худро баён карда, дар бораи созҳои мусиқӣ маълумот дода тавонанд. | Ҳарфе, ки мо механем | Сурудани қатори садоҳо ба боло ва баръакс: до-ре-ми-фа-со-ля-си-ля-со-фа-ми-ре-до | «Ҳарфе, ки мо механем» - мусиқии Ҷ. Обидпур , шеъри Гулназар Келдӣ | «Шаҳри азиз»- мусиқии Ш. Сайфид-динов | Садои созҳои мусиқӣ | 3 | |
| | | | | | | | |

***Таҳияи дарси суруд ва мусиқӣ барои синфи 4 »***

(*Дарс дар асоси барномаи нав бо истифодаи технологияии таълим, ки барои фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон равона шудааст таҳия гардидааст*).

**Мақсад:** то интиҳои дарс хонандагон: дар боари навъҳои мусиқии халқи тоҷик махлумот дода тавонанд.

**Мавзӯъ:** Мусиқии халқии тоҷикӣ

**Навъи дарс**: *дарси ҷамъбаст ва ба низом овардани дониш*

**Методҳо:** Бозӣ +сӯҳбат +ҷустуҷӯ + эҷодкорӣ.

**Накшаи дарс**

1. Лаҳзаи ташкилӣ. Воридшавӣ ба бозӣ.
2. Марҳилаи гузаронидани бозӣ: регламент, қоидаи бозӣ, ташкили гурӯҳҳо, кори гурӯҳӣ доир ба вазифаҳои мушаххас, тайёр намудани мавод.
3. Марҳилаи таҳлил ва ҷамъбасткунӣ: хулоса аз бозӣ, таҳлил, баҳо ва худбаҳодиҳӣ, рефлексия.

**Тайёр намудани мавод (таҷҳизот):** тахтаи синф, тақсим намудан ба се қисм барои дарҷ намудани ҷавобҳо ва ҳисоби натиҷаҳои бозии гурӯҳҳо. Созҳои мусиқӣ: шақшақа, дойра, ва ғайра. Фломастерҳо, варақ, қоғазҳои ранга, нишончаҳо ё рамзҳо.

**Равиши дарс.**

*Хонандагон ба синф ворид шуда, ғайрианъанавӣ будани онро ҳоло намедонанд.* Ворид шудан бо оҳанги халқи тоҷикӣ бо интихоби муаллим (*2 дақиқа*).

**Гузориши муаллим**: **-** Имрӯз дарси мо ғайрианъанавӣ мегузарад. Синфи мо ба як устохонае мубаддал мешавад, ки муаллим дар он ҷо усто мешавад. Бачаҳо, шумо дар синфи мо кӣ мешавед? Кӣ ба усто ёрӣ медиҳад? Ӯ ба кӣ барои офаридани «мӯъҷиза» ёрӣ медиҳад? (Кӯдакон номбар мекунанд).

**Муаллим**:

- → Ман пешниҳод мекунам, ки ба се гурӯҳ тақсим шавем (*бо назардошти шумораи хонандагон омӯзгор синфро ба гурӯҳҳо тақсим менамояд*). *Хонандагон курсиҳоро тавре мегузоранд, ки барои муҳокима кардан ва эҷод кардан мувофиқ бошад(1- 2 дақиқа).*

→ Акнун барои гурўҳи худ номгузорӣ намоед ва нишонаи устохонаи худро тасвир намоед. Эҷодкорона муносибат намоед*(Хонандагон ба устохонаи худ ном гузошта нишонаи онро тасвир менамоянд)(5 дақиқа)*.

→ Бачаҳо тасаввур кунед, ки мо бо шумо дар як ҷашни калоне ширкат дорем. Вай фестивал ном дорад, ки аз тамоми миллатҳо дар он иштирок мекунанд. Вазифаи мову шумо аз он иборат аст, ки доир ба мусиқии халқии тоҷик ҳамаи он чизе, ки медонем нақл кунем ва якчанд асарҳо иҷро кунем. Инчунин, фаромўш накунед, ки дар бораи оҳангсозон низ маълумот додан шояд зарур шавад. Ҳамаи гурўҳҳо дар бораи ин савол чизе медонад номбар мекунад, аммо ақидаи шунидашударо такрор намекунем.

*Дар тахтаи синф номи мавзўъ навишта шудааст:* «Мусиқии халқии тоҷикӣ» ва савол ба гурўҳҳо: «**Дар бораи мусиқии халқи худ Шумо чӣ медонед**?» (*2- 4 дақиқа*)

Кор дар гурўҳҳо ҷамъбаст шуда, варианти ҷавобҳоро муаллим дар тахтаи синф дарҷ мекунад. (*Тахтаи синф бо миқдори гурўҳҳо тақсим карда шудааast. Барои ҳар ҷавоб гурўҳ ҳавасманд карда мешавад (нишонча, рамз))*. Мисол, устохонаи: «Фалак» «Шашмақом» « Гуруғлӣ»

| «Фалак» | «Шашмақом» | « Гуруғлӣ» |
|---|---|---|
| 1. | 1. | 1. |
| 2. | 2. | 2. |
| 3. | 3. | 3.ва ғайра. |

Саволи дуюмро муаллим дар тахта менависад (*хуб мешуд, агар муаллим саволро пешакӣ дар варақаи калон навишта тайёр намояд ва онро овезон кунад*): **«Мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро таҷассум мекунад?»** (*2-4 дақиқа*). *Ҷараёни кор ба монанди вазифаи якум сурат гирифта, барои ҷавобҳои навбатии гурўҳҳо муаллим нишонча медиҳад.*

Доир ба анҷоми кор хонандагон чунин хулосабарорӣ менамоянд: **«<u>Мусиқии халқӣ ва касбии тоҷик ҳиссиёти мардумро доир ба ҳаёт таҷассум менамояд</u>».**

**Муаллим:** - Бачаҳо, Шумо медонед, ки ҷашнҳо бе суруду мусиқӣ шуда наметавонанд. Барои меҳмонони мо Шумо бояд сурудҳое, ки халқамон эҷод кардаанд иҷро намоед. Аммо пеш аз оне, ки Шумо сурудеро иҷро кунед устохонаҳои худро ба озмоишгоҳ табдил медиҳед. Барои муайян кардани он, ки кадом сурудро иҷро кунед, Шумо бояд ду вазифаро иҷро кунед.

**Вазифаи №1. (5 дақиқа)**

Бо матни суруд шинос шавед ва муайян намоед, ки он ба кадом жанр таалуқ дорад. *Ба кўдакон карточкаҳоро бо матни сурудҳо, ки жанрҳои гуногун доранд тақсим карда мешавад.*

**Вазифаи №2. (5 дақиқа)**

Ҳангоми шунидани мусиқӣ ба ёд оред, ки онро Шумо дар кадом кинофилм шунидаед *(Мусиқӣ аз филми ҳунарии «Духтари сеюм» ва «Шинос шавед, Лола», мусиқии С. Ҳамроев). Агар матни онро донед ҳамроҳ сароед ва ҳаракатҳои мусиқи зарбиро истифода намоед(ва ё метавонед дар инҷо матни суруди дарси гузаштаро такрор карда, кадом гурўҳ бештар ва хубтар иҷро мекунанд нишонча диҳед).*

**Вазифаи №3** *барои шиносоии банди аввали суруди нав ва эҷодкории кўдакон равона мегардад*
**(15 дақиқа)**

Банди аввали матни сурудро муаллим ифоданок мехонад *(«Кишвари ман»- мусиқии Ҷ. Охунов, шеъри Н. Бақозода)* ва хоҳиш мекунад, ки гурўҳҳо ба он оҳанги худро пешниҳод намоянд. Ҳангоми сурудани мусиқии эҷодшуда, талаб он аст, ки хонандагон бо тарҳи рўй(мимика) характери сурудро нишон диҳанд. Бо нишонча кори гурўҳеро, ки нисбатан аҷоибу ғароиб аст қадр карда мешавад. Сурудро дар охир бо хонандагон иҷро карда, бо корҳои эҷодии хонандагон муқоиса мекунад.

**Ҷамъбаст (3-5 дақиқа)**

Дар охир муаллим дарсро ҷамъбаст мекунад, муайян менамояд, ки хонандагон бо кадом табъ аз дарс мераванд. Баъд аз дарси эҷодӣ кадом таассурот боқӣ монд? Чӣ чизи навро фаҳмиданд? Оё мехоҳанд, ки боз дар чунин устохонаҳо иштирок намоянд ва устоҳои ҳақиқӣ бошанд?

***Вазифаи хонагӣ:*** Доир ба матни додашуда оҳангеро эҷод кунанд, инчунин якчанд сурудҳои халқӣ - тоҷикиро аз оинаи нилгун номнавис кунанд.

**Рӯихати адабиёт:**


1. Дастури таълимӣ аз тарбияи ҷисмонӣ. Мураттиб Муҳиддинов Ф. - Душанбе, 2005.
2. Мирзахмедов В.А., Файзуллоев Г.Ш., Хижняк Ю.Н., Мусиқӣ (китоби дарсӣ бораи синфи сеюм). – Душанбе: Маориф, 1991.
3. Мирзахмедов В. ва дигарон, Машғулиятҳои мусиқӣ дар синфи 3. - Душанбе: Маориф, 1988.
4. Мирзахмедов В. ва дигарон, Машғулиятҳои мусиқӣ дар синфи 4. - Душанбе: Маориф, 1990.
5. Охунов Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ. – Душанбе, 1986.
6. Сатторов С ва диг. Алифбои мусиқӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 1.- Душанбе, 2005.
7. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов Ш. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. - Душанбе, 2006.-389 с.
8. Турсунов Н, Дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар синфи 4. - Душанбе Маориф, 1993.
9. Хижняк Ю. Н. ва дигарон. Машғулиятҳои мусиқӣ дар синфи 2. - Душанбе: Маориф, 1988.
10. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, кисми 1- 2


**Ба забони русӣ:**


1. Абдуллин Э.Б. Теория и практика музыкального обучения в общеобразовательной школе, М: Просвещение, 1983.
2. Алиев Ю.Б. Настольная книга школьного учителя-музыканта. - М.,2000 .
3. Жак-Далькроз Э. Шесть лекций по ритмической гимнастике. - М., 2001.
4. Музыкальное воспитание в школе. Выпуск 17. Составила О. Апраксина. –М: Музыка, 1986.
5. Осеннева М.С., Безбородова Л.А. Методика музыкального воспитания младших школьников, - М., 2001.
6. Ригина Г.С. “Уроки музыки в начальных классах” М.,1979 г.
7. Рожников В.Г. Резервы музыкальной педагогики. - М: Знание, 1980.
8. Теплов Б.М. Психология музыкальных способностей // Избранные труды: В 2 т. – М.: Педагогика,1985. – Т.1.
9. Юсуфбекова Н.Р. Общие основы педагогических инноваций: Опыт разработки теории инновационного процесса в образовании. - М., 1991.
10. Школяр Л.В., Красильникова М.С. Теория и методика музыкального образования детей. - М.,1999 г.